# Заминаи қонунӣ барои такмили низоми мониторинг ва арзёбии БМР 2021-2025

- Натиҷаи таҳияи Ҳисоботи ихтиёрии миллӣ оид ба татбиқи БМР 2016-2020 (соли 2017), Ҳисоботи миллӣ оид ба рафти татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар дар ҳошияи Ҳадафҳои рушди устувор (соли 2018), Гузаронидани шарҳи татбиқи БМР 2016-2020 (соли 2020-2021);

- Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, таҳти №615 тасдиқ шудаанд.

# Хусусиятҳои фарқкунандаи матритсаи амалиёти БМР 2021-2025 ва БМР 2016-2020

| Элементҳо/ҷузъиёт | БМР 2016-2020 | БМР 2021-2025 |
|---|---|---|
| I. Шакли матритсаи амалиёт | Элементҳои низоми мониторинг ва арзёбиро қисман фаро мегирифт | Тамоми элементҳои низоми мониторинг ва арзёбиро фаро мегирад ва дар матритсаи шакли нав пайдарҳамӣ ҷиҳати ташаккули мантиқи барнома аз рӯи занҷираи зерин таъмин шудааст, яъне:<br>➢ муқаррар гардидани ҳадафҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлат;<br>➢ гузоштани вазифаҳои мушаххас, ҳамчун роҳҳои расидан ба ҳадафҳо;<br>➢ муайян шудани тадбирҳо, ё амалҳо ҳамчун воситаи ҳалли вазифаҳо;<br>➢ барои ҳар як ҳадаф ва вазифа муайян шудани индикаторҳои муносиб;<br>➢ барои ҳар як индикатор муайян шудани бузургиҳои мақсаднок барои солҳои муайян ҷиҳати анҷом додани пайгирӣ;<br>➢ барои ҳар як тадбир ё амал муқаррар шудани соли иҷроиш. |
| II. Индикаторҳо | Танҳо се навъи индикаторҳо инъикос ёфта буданд:<br>1.Индикаторҳои сарфи захираҳо<br>2.Тадбирҳо<br>3.Индикаторҳои боздеҳ | ➢ Индикаторҳои сарфи захираҳо<br>➢ Тадбирҳо<br>➢ Индикаторҳои боздеҳ<br>➢ Индикаторҳои натиҷаҳои ниҳоӣ<br>➢ Индикаторҳои таъсир ва<br>➢ Индикаторҳои ҲРУ дар доираи индикаторҳои натиҷаҳои ниҳоӣ ва таъсир |
| III. Алоқамандии ҳадафҳо, вазифаҳо, чорабиниҳо ва индикаторҳои дахлдор | Ба ҳамдигар муносиб будани (релевант) онҳо таъмин нашуда набуд | Пурра дар заминаи принсипҳои SMART таҳия шудаанд, яъне ҳангоми ташаккули мантиқи барнома элементҳои зерин ба инобат гирифта шудаанд: мушаххасӣ, ченшаванда, ноилшаванда, муносиб ва доштани муҳлати иҷроиш |
| IV. Қисми матнии низоми МваА | Аз ҳамдигар ҷудо ва пароканда будани элементҳои низоми М ва А | Дар қисмати матни Барнома ба таври мушаххас, пайдапай ва фаҳмо ифода шудани тамоми элементҳои низоми М ва А |

# Принципҳои низоми М ва А БМР 2021-2025

- таваҷҷуҳ ба натиҷа ва афзалиятҳои барнома;
- истифодаи технологияҳои нави мониторинг ва арзёбӣ;
- иштироки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор - ҷалби мақомоти сатҳи миллӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҳамаи сатҳҳо, мақомоти худидораи маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, сохторҳои соҳибкорӣ ва шарикони рушд;
- бонизом ва мунтазамӣ;
- дастрасӣ ба иттилоот;
- пешниҳоди иттилооти босифат, муҳим ва боэътимод;
- таъмини равандҳои мустақили низоми М ва А, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ;

# Унсурҳои низоми М ва А БМР 2021-2025

- ҷузъиёти асосии барнома (ҳадафҳои дарозмуҳлат, миёнамуҳлат, вазифаҳо, тадбирҳо/амалҳо);
- индикаторҳои ченшаванда (нишондиҳандаҳо), ки тавассути онҳо пайгирии ҷузъиётҳо имконпазир аст;
- сарчашмаҳои иттилоот барои гузаронидани мониторинг ва арзёбӣ;
- низоми ҷамъоварии маълумот;
- даврият ва ҷадвали ҷамъоварии маълумот;
- масъулин барои дастрас намудан ва пешниҳод кардани иттилооти зарурӣ;
- коркард ва таҳлили маълумоти бадастомада;
- истифодабарандагони натиҷаҳои МваА;
- паҳн намудани натиҷаҳои МваА.

# Шакли матритсаи амалиёти БМР 2021-2025

| Матритсаи амалиёт | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳадаф, вазифа, чорабиниҳо (Activities) | Индикаторҳои таъсир, ҳадафҳо ва вазифаҳо (Indicators) | Нишондиҳ андаи базавӣ (baseline) (соли2019) | Бузургии мақсадноки индикатор (Target)/ Х- Мӯҳлати иҷрои чорабиниҳо | | | | | Талабот ба маблағгузорӣ (млн. сомони) (Input) | Захираҳои молиявӣ (Cost share) | | | Масъул | Шарикони рушд |
| | | | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | | ҳукумат | донорҳо | бахши хусусӣ | | |
| 5. БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ МИЛЛӢ | | | | | | | | | | | | | |
| 5.1. САНОАТ ДАР ҲОШИЯИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳадафи дарозмуҳлат 5.1.1. (афзалиятҳои СМР ва ҲРУ) Саноатикунонии босуръат (СМР 2030); Бунёди инфрасохтори устувор, мусоидат ба саноатикунонии фарогир ва устувор ( ҲРУ 9) | Индикаторҳои таъсир (impact): Афзоиши истеҳсолоти саноатӣ,бо % | 109,2 | 110,7 | 110,8 | 110,5 | 111,8 | 118,2 | 21 487,70 | 44,90 | 18,00 | 21 424,80 | ВСТН, АОПҶТ | БОР |
| | Афзоиши саноати истихроҷ,бо % | 98,2 | 105 | 105 | 105 | 105 | 105 | | | | | | |
| | Афзоиши саноати коркард,бо % | 114 | 116,6 | 115,9 | 113,7 | 115,5 | 120,5 | | | | | | |
| | Афзоиши истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ ва газ,бо % | 100 | 100 | 100,5 | 104 | 104 | 120 | | | | | | |
| | Афзоиши истеҳсол ва тақсимоти об ва партовҳо,бо % | 104 | 113,3 | 113 | 115,4 | 110 | 112,1 | | | | | ВЭЗО, АОПҶТ, КВД "ХМК" | |
| Ҳадафи 5.1.1.1. Баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ва ҳиссаи он дар ММД | Индикаторҳои натиҷаҳои ниҳоӣ (outcom): Ҳиссаи саноат дар сохтори ММД, бо % | 18,2 | 18,7 | 19,2 | 19,7 | 20,2 | 20,7 | 385,00 | 24,00 | 0,00 | 361,00 | ВСТН, АОПҶТ | |
| | Суръати афзоиши истеҳсолоти саноатӣ, бо % | 109,2 | 110,7 | 110,8 | 110,5 | 111,8 | 118,2 | | | | | | |
| Вазифаи 5.1.1.1.1. Такмили заминаи институтсионалӣ барои рушди устувор ва пешгирикунандаи соҳаҳо | Индикаторҳои боздеҳ (output): Афзоиши содироти маҳсулоти саноатӣ,бо % | 103,4 | 107,8 | 105,4 | 105,5 | 107 | 110 | 25,00 | 24,00 | 0,00 | 1,00 | ВСТН,ВРИС,ХГ | |
| 1. Такмили чораҳои танзими гумрукӣ ва тарифӣ барои ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ дар доираи ташкилоти ҷаҳонии савдо | Тадбирҳои танзими гумрукӣ ва тарифӣ такмил дода шуданд Тоҷикистон мақоми GSP + (низоми Умумии Тарафҳо +) ва низоми Бақайдгирии Содиротро (REX) ба даст овард " | | X | X | X | X | X | 1,0 | 1,0 | | | ВСТН,ВРИС, ВА, ХГ | |
| 2. Такмили сиёсати андоз<br><br>бо мақсади ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ | Кодекси нави андоз қабул карда шуд; Воридоти тухми кирмаки аълосифат аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуд; Пардохти марҳилаи бонус ба истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ тасдиқ карда шуд; СМҲ оид ба рушди минтақаҳои саноатӣ такмил дод шуданд | | X | X | X | X | X | 1,0 | 1,0 | | | ВМ, ВСТН, ВРИС,ВК, КА | |

# Ҷузъиёти асосии БМР 2021-2025

- ҳадафҳои дарозмуҳлат - 34 адад;
- ҳадафҳои миёнамуҳлат- 55 адад;
- вазифаҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои миёнамуҳлат- 136 адад;
- тадбирҳо/амалҳо барои ҳалли вазифаҳо- 765 адад;
- индикаторҳои сарфи захираҳо (input indicators) - 765 адад;
- индикаторҳои боздеҳ (output indicators) - 295 адад;
- индикаторҳои натиҷаҳои ниҳоӣ (outcome indicators) -203 адад;
- индикаторҳои таъсир (impact indicators) - 130 адад.

# Ҳамгироии ҳадафҳои рушди устувор дар БМР 2021-2025 аз рӯи соҳаҳо

| | Соҳаҳои иқтисодиёт | Шумораи вазифаҳои (таргетҳои) ҲРУ | Шумораи индикаторҳои ҲРУ | Шумораи индикаторҳо аз рӯи гуруҳбандӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Саноат | 2 | 5 | индик. таъсир 5 адад |
| 2. | Бахши кишоварзӣ | 2 | 3 | индик. таъсир 1 адад<br>индик. боздеҳ 2 адад |
| 3. | Идоракунии маҷмӯии захираҳои об | 2 | 1 | индик. нат. ниҳоӣ 1 адад |
| 4. | Энергетика | 0 | 1 | индик. нат. ниҳоӣ 1 адад |
| 5. | Нақлиёт | 0 | 2 | индик. таъсир 2 адад |
| 6. | Бахши молиявӣ | 0 | 0 | |
| 7. | Бахши иқтисоди хориҷӣ | 1 | 2 | индик. нат. ниҳоӣ 2 адад |
| 8. | Идоракунии давлатӣ | 2 | 3 | индик. таъсир 1 адад<br>индик. нат. ниҳоӣ 2 адад |
| 9. | Волояти қонун | 4 | 26 | индик. нат.ниҳоӣ 9 адад<br>индик. боздеҳ 17, аз он 6 глобалӣ ва 20 миллӣ |
| 10. | Демография | 0 | 0 | |

# Ҳамгироии ҳадафҳои рушди устувор дар БМР 2021-2025 аз рӯи соҳаҳо (давомаш)

| | Соҳаҳои иқтисодиёт | Шумораи вазифаҳои (таргетҳои) ҲРУ | Шумораи индикаторҳои ҲРУ | Шумораи индикаторҳо аз рӯи гурӯҳбандӣ |
|---|---|---|---|---|
| 11. | Маориф ва илм | 3 | 12 | индик. таъсир 3 адад<br>индик. нат.ниҳоӣ 3 адад<br>индик. боздеҳ 6 адад |
| 12. | Тандурустӣ | 4 | 19 | индик. таъсир 14 адад<br>индик. нат.ниҳоӣ 5 адад |
| 13. | Ҳифзи иҷтимоӣ | 0 | 2 | индик. таъсир 2 адад |
| 14. | Фарҳанг | 0 | 0 | |
| 15. | Ҷавонон ва варзиш | 0 | 3 | индик. таъсир 2 адад<br>индик. нат.ниҳоӣ 1 адад |
| 16. | Сайёҳӣ | 0 | 2 | индик.таъсир 2 адад |
| 17. | Муҳити зист, ХМК | | 2 | индик.нат. ниҳоӣ 2 адад |
| 18. | Коҳиши нобаробариҳои иҷтимоӣ ва гендерӣ | 0 | 5 | индик. таъсир 5 адад |
| 19. | Рушди минтақаҳо | 1 | 0 | |
| 20. | Тағйирёбии иқлим | | 1 | индик. нат.ниҳоӣ 1 адад |
| | Ҳамагӣ | 21 | 89 | 37 ин. таъсир<br>27 ин.нат.ниҳоӣ<br>25 боздеҳ |

# Ҳамоҳангсозии раванди ташаккули матритсаи амалиёти БМР 2021-2025

- барои мувофиқаи матритсаи амалиёти БМР 2025 бо вазорату идораҳо ва шарикони рушд 20 машварат дар заминаи гуруҳҳои байниидоравии Шӯрои миллии рушди назди Президенти ҶТ вобаста ба самтҳои алоҳида гузаронида шуд;
- барои мусоидат ҷиҳати дуруст ташаккул додани соҳаҳои гуногун бо коршиносони соҳаҳои алоҳида зиёда аз 154 машварати корӣ баргузор карда шуд;
- ворид намудани хулосаю пешниҳоди вазорату идораҳо ва шарикони рушд ба матн ва матритсаи амалиёти Барнома

# Сарчашмаҳои маблағгузории БМР 2021-2025

**1.ҲАҶМИ ИМКОНИЯТҲОИ ПЕШГӮИШАВАНДАИ ЗАХИРАҲОИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР БАРОИ ГЕНЕРАЦИЯИ МАБЛАҒГУЗОРИҲО ТО ДАВРАИ СОЛИ 2025- 204,8 МЛРД.СОМОНӢ**
**2.АРЗИШИ УМУМИИ БМР 2021-2025 – 115322,02 МЛРД. СОМОНӢ**



# Қадамҳои минбаъда

- тақвияти ҳамоҳангсозӣ оид масъалаҳои М ва А дар доираи Гуруҳҳои кории байниидоравии Шӯрои миллии рушди назди Президенти ҶТ;
- тақвияти қисмати аналитикии ҳисоботҳои татбиқи БМР, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд;
- таҳияи шакли ҷамъоварии маълумотҳо оид ба низоми мониторинги матритсаи амалиёти БМР 2021-2025, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд;
- таҳияи шакли ҳисобот аз рӯи БМР 2021-2025, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд, бо назардошти Ҳадафҳои рушди устувор;
- таҳияи методологияи ҳисобу китоби баъзе индикаторҳои дахлдори соҳаҳо, ки дар мавриди ҳозира ҷамъоварӣ намешаванд;
- баланд бардоштани нерӯи мутахассисони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо оид ба масъалаҳои мониторинг ва арзёбии БМР 2021-2025, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд;
- кор карда баромадан ва ҷорӣ намудани меъёрҳои (критерияҳои) истифодаи маълумотҳои алтернативӣ (аз ҷумла тадқиқотҳо, арзёбиҳо ва шарҳҳои мухталиф) барои низоми М ва А БМР 2021-2025, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд;
- рақамикунонии (digitalization) низоми М ва А БМР 2021-2025, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд.